ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Хоҷазод Саидмурод ба диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионии Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мутобиқат менамояд.

Соҳаи таҳқиқи кори мазкур ба зербандҳои бандҳои 3, 7, 9 ва 11-и «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад. Дар кори илмӣ масъалаҳои вобаста ба соҳаи рӯзноманиғорӣ баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла, моҳияти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар рӯзноманигорӣ, шинохти назариявии онҳо, омилҳои пайдоиш ва ташаккули ин меъёрҳо, нақши меъёрҳои зикршуда дар фаъолияти амалии рӯзноманигорон, махсусияти ҳар яке аз ин меъёрҳо, таъсири меъёрҳои этикӣ ба шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ, махсусиятҳои санадҳои ахлоқии воситаҳои ахбори оммаи алоҳида дар журналистика мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Бояд гуфт, ки муаллифи диссертатсия бори аввал омӯзиши зуҳуроти деонтологиро дар журналистикаи тоҷик вазифаи таҳқиқи худ қарор дода, бо таҳлили мисолҳо аз амалия ин вазифаро ба дараҷаи лозима анҷом додааст.

Диссертатсия хислати мукаммал ва байнисоҳавии илми рӯзноманигориро ифода намуда, бевосита ба равандҳои маърифату маҳорати касбӣ, ташаккули касбият рабт дорад.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Мавзуи диссертатсия барои илми рӯзноманигории тоҷик нав ва мубрам мебошад, зеро дар замони муосир, ки шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳам рушди бомароми ҷомеаҳои демократӣ дар кишварҳои олам аст, таваҷҷуҳ ба масъалаҳои этикӣ ва ҳуқуқии фаъолияти рӯзноманигорӣ хеле муҳим гардидааст. Аз ин рӯ, ба паҳлуҳои гуногуни он рӯй овардани муҳаққиқон нишони мубрам будани мавзуъ мебошад.

Дар диссертатсияи мазкур асосан ба масъалаҳои ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир гардида, заминаҳои пайдоиш ва ташаккул ҳам мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ин тарзи муносибат низ нишони мубрам будани мавзуъ аст.

Мубрам будани мавзуи мавриди назари диссертатсияро боз он ҷиҳат исбот менамояд, ки дар он ба масъалаҳои вазъи риояи меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар воситаҳои ахбори омма, таваҷҷуҳи рӯзноманигорон ба ин меъёрҳои муҳимми соҳаи фаъолияти худ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир гардида, аз нигоҳи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Яъне, ин мавзуъ аз мавзуъҳое аст, ки ҳамеша мавриди назари рӯзноманигорон қарор дорад ва онҳо ҳамарӯза бо он рӯ ба рӯ мешаванд.

Ба назари довталаби дараҷаи илмӣ, шароити мураккаби ҷомеаи муосир, ки дар он фаъолияти пурсамар доштани воситаҳои ахбори омма ба омилҳои гуногуни таъсиргузор вобастагӣ дорад, шинохти масъулият ва иҷрои вазифаҳои аслӣ аз ҷониби рӯзноманигорон хеле муҳим аст ва дар ин самт таваҷҷуҳ ба меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқии соҳаи фаъолияти худ барои онҳо аз муҳимтарин самтҳои фаъолият ба шумор меравад. Ба назари мо, ин андеша ҳам мубрамияти мавзуъро баёнгар мебошад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Навгонии илмии диссертатсия гувоҳи даст ёфтани муаллифи он ба натиҷаҳои муҳимми илмӣ ва амалӣ дар соҳаи рӯзноманигорӣ мебошад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки бори аввал масъалаи ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар шакли мукаммал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия ба ҷанбаҳои назариявии ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар илми рӯзноманигорӣ, раванди ташаккули онҳо, махсусиятҳои меъёрҳои мазкур, таносуби онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст, ки ин ҳама нишони навгонии илмии мавзуъ мебошанд.

Инчунин, муаллифи диссертатсия барои анҷом додани кори худ мақсаду вазифаҳои мушаххасро муайян намуда, дар 8 банд нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшударо пешниҳод кардааст, ки ҳар яке аз онҳо дар баробари мазмуни пурраи фаслу бобҳои диссертатсияро дар бар гирифтан моҳиятан навгонии илмии мавзуъро низ нишон медиҳанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Хулосаи диссертатсия дар 20 банди мукаммал оварда шуда, ба сифати тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқ 12 таклиф пешниҳод шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертант ба он асоснок карда мешаванд, ки омӯзиши мавзуъ, сарчашмаҳои илмӣ, пажуҳишҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ бо истифодаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷавӣ ва таҳлили муҳтаво ҳосил гардидаанд. Натиҷаҳо бо ишора ба интишороти илмии муаллиф асоснок гардидааст, ки нишони пайдарпайӣ ва эътимоднокии корҳои анҷомшуда мебошанд. Таҳқиқи ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар илми рӯзноманигорӣ ва нақши онҳо дар фаъолияти амалӣ ба муаллиф имкон додааст, ки хулосаҳои боэътимод бароварда, барои рушди соҳа тавсияҳои судманд пешниҳод намояд. Хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ боэътимод буда, барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳа чун заминаи мусоид хидмат карда метавонад.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ аз муқаддима, панҷ боб, даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии

натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми умумии кор 339 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад. Дар бобу фаслҳои диссертатсия раванди дурусти таҳқиқ, истинод ба манбаъ ва сарчашмаҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои муносибу эътимодбахш ба назар мерасанд.

Муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои заруриро тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ фарогир мебошад.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Ифодаи аҳамияти илмии диссертатсияро дар он мебинем, ки натиҷаҳои илмии он дар такмили қисме аз масъалаҳои назарии марбут ба этикаи касбии журналист, дарки масъулияти ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолият саҳми муносиб мегузорад. Хулоса ва тавсияҳои муаллифи диссертатсияро дар пажуҳишҳои минбаъдаи марбут ба масъалаҳои этикаи касбии журналист ҳамчун асос истифода бурдан имкон дорад. Ҳамчунин, маводди диссертатсия, пешниҳоду тавсияҳо ва хулосаҳои муаллифро метавон дар таълифу таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ оид ба назарияи журналистика ва зимни таълими курсу семинарҳои махсус доир ба этикаи касбии журналист, асосҳои ҳуқуқии фаъолият истифода намуд.

Қисмати асосии таҳқиқ. Қисмати асосии таҳқиқи Раҳимҷон Хушдил аз 5 боб ва 10 фасл иборат буда, раванди ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷикро ҳамаҷониба баррасӣ менамояд.

Боби аввал - «Ҷанбаҳои назариявии меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Фасли якуми ин боб ба масъалаҳои назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика бахшида шуда, муаллиф аз омӯзишҳои худ ба чунин натиҷа мерасад, ки аз назари муҳаққиқон, масъалаи шинохти меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистика ҳам куҳна ва ҳам нав аст (диссертатсия, саҳ.24). Ӯ дар идома ин тарзҳои

шинохтро баррасӣ намуда, доир ба ҳар яке аз онҳо нуктаҳои назари муҳаққиқонро тазаккур медиҳад ва бисёр хуб аст, ки мавқеи худро низ муайян менамояд. Масалан, ӯ менависад, ки ба назари мо, дар шинохти пурраи меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика нақши назарияҳои маъруфи марбут ба матбуот хеле муҳим аст, зеро дар онҳо моҳиятан меъёрҳои мазкур ифодаи пурра ва нақши муассири худро дар ҳама низомҳо пайдо намудаанд (диссертатсия, саҳ.28).

Фасли дуюми ин боб чун идомаи мантиқии фасли якум ба масъалаи зарурат ва аҳамияти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика бахшида шудааст ва муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои зиёд ин нуктаро пайгирӣ менамояд, ки дар ҳақиқат ҳам, меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика аз рукнҳои хеле муҳим ба шумор мераванд. Аз рӯйи мушоҳидаи мо, диссертант асосан ба ин нуктаи меҳварӣ таваҷҷуҳ мекунад, ки риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ нахустин унсури муайянсози шахсияту ҳайсияти журналист мебошад (диссертатсия, саҳ.56).

Боби дуюми диссертатсия «Раванди ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар ВАО-и тоҷик» ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли якуми ин боб омилҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар он диссертант ба омилҳои пайдоиши ин меъёрҳо таваҷҷуҳ намуда, онҳоро аз замонҳои хеле пештар ҷӯё мешавад ва тазаккур медиҳад, ки мафҳуми ахлоқ ҳамчун истилоҳ аз замони атиқа мавриди баррасии илмӣ қарор дошт ва мутафаккирони машҳури он замон доир ба моҳияту зарурати он дар ҷомеа изҳори назар кардаанд (диссертатсия, саҳ.94). Ҷолиб аст, ки диссертант ба афкори ахлоқии асримиёнагии ниёгон низ таваҷҷуҳ намуда, ташаккули минбаъдаи онро ба он марбут медонад ва бо зикри намунаҳо ин андешаи худро собит менамояд (диссертатсия, саҳ.95-97). Дар фасли дуюми ин боб масъалаи қабули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика таҳқиқ шуда, таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона гардидааст, ки маҳз замони Истиқол ва ташкили давлати демократию ҳуқуқбунёд ба шаклгирӣ, таҳия ва қабули меъёрҳои этикиву

ҳуқуқӣ дар журналистика боис гардид, зеро ба марҳилаи комилан нави сиёсию ҷамъиятӣ ворид гардидани ҷомеа масъалаҳои гуногунеро ба миён овард, ки яке аз онҳо ба таври мушаххасу ҷиддӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтани меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ мебошад (диссертатсия, саҳ.127).

Дар ду фасли **боби сеюми диссертатсия - «Махсусиятҳои меъёрҳои ахлоқӣ ва таъсири онҳо ба меъёрҳои ҳуқуқӣ»** масъалаҳои таъсири омилҳои ахлоқӣ ба шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва вижагиҳои санадҳои ахлоқии идораҳои алоҳидаи воситаҳои ахбори омма мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Диссертант дар фасли якум ба таъсири омилҳои этикӣ таваҷҷуҳ намуда, пайвастагии меъёрҳои мазкурро яке аз масъалаҳои муҳимми баррасишаванда мешуморад ва тазаккур медиҳад, ки дар шаклгирӣ ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши меъёрҳои ахлоқӣ муҳим мебошад (диссертатсия, саҳ.160). Дар фасли дуюми ин боб махсусиятҳои меъёрҳои ахлоқии санадҳои ахлоқии воситаҳои ахбори оммаи алоҳида баррасӣ гардида, диссертант қабул гардидани чунин санадҳоро чун нишонаи муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ муаррифӣ намуда, умумият ва тафовути чунин аснодро нишон медиҳад. Ӯ қабул намудани санадро як ҷониби масъала ва риоя гардидани онро ҷанбаи муҳимми амал мешуморад (диссертатсия, саҳ.188).

Боби чоруми диссертатсия – «Таносуби меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дар журналистика» фарогири таҳқиқу таҳлили асосҳои назариявии алоқамандии меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дар фаъолияти журналистӣ ва таносуби риояи меъёрҳои мазкур мебошад. Таҳқиқи диссертант нишон медиҳад, ки аз нигоҳи назариявӣ меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳамдигар алоқамандии бевосита дошта, ин алоқамандӣ боиси ташаккули ҳар яке аз онҳо гардидааст. Дар фасли дуюм, ки хислати амалӣ дорад, мисолҳои мушаххас аз амалия мавриди таҳлил қарор гирифта, диссертант ба натиҷае мерасад, ки меъёрҳои мазкур аз ҷониби рӯзноманигорон мутаносибан мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби панҷуми диссертатсия "Зуҳуроти деонтологӣ чун идомаи мантиқии пайванди меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ" унвон дошта, дар ду

фасли он деонтология ҳамчун падидаи навзуҳур дар журналистика мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар фасли якум бевосита ба падидаҳои деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик таваҷҷуҳ шуда, дар фасли дуюм ҷанбаҳои амалии робитаи меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ таҳқиқ шудааст. Баррасиҳои диссертант нишон медиҳанд, ки деонтология ҳамчун падидаи навзуҳур дар замони муосир дар фаъолияти рӯзноманигорон бояд мавриди таваҷҷуҳи зарурӣ қарор гирад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Доир ба мавзуи диссертатсия 2 монография, 25 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва дигар маҷмуаҳои илмӣ, аз ҷумла 14 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, ки пурра натиҷаҳои диссертатсияро фарогир мебошанд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи бандҳои 34-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия ва автореферати Раҳимҷон Хушдил ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Эродҳо ба диссертатсия. Дар рисола чанд камбудӣ вуҷуд дорад.

1. Мавзуи фасли якуми боби якум «масъалаҳои назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ» аст, аммо муаллиф мафҳуми «шинохти меъёрҳо»-ро дақиқ муайян намекунад. Дар матн мафҳумҳои зерин истифода мешаванд: шинохти меъёрҳои ахлоқӣ, дарки меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ, ташаккули меъёрҳо, пайдоиши меъёрҳо, риояи меъёрҳо, танзими ҳуқуқии фаъолияти ВАО. Ин мафҳумҳо ба ҳам алоқаманданд, аммо аз ҷиҳати илмӣ як маъно надоранд. Масалан, шинохти меъёр маънои дарки моҳият, асосҳо ва доираи

амали онро дорад, дар ҳоле ки ташаккул ва риояи меъёрҳо равандҳои дигар мебошанд.

2. Омехта шудани таҳлили ахлоқӣ бо ҳуқуқӣ яке аз камбудиҳои матн аст. Муаллиф чандин маротиба таъкид мекунад, ки назарияҳои матбуот ҳам моҳияти ахлоқӣ ва ҳам ҳуқуқӣ доранд. Аммо дар бисёр мавридҳо нишон дода намешавад, ки кадом ҷанба маҳз ахлоқӣ ва кадом ҷанба ҳуқуқӣ мебошад.

3. Камбудиҳои истифодаи сарчашмаҳо ва иқтибосҳо дар он аст, ки такяи зиёд ба як сарчашма дар чанд ҷо дида мешавад. Дар матн иқтибосҳои сершумор аз сарчашмаи [213] истифода шудаанд, ки асосан барои шарҳи назарияҳои матбуот хизмат мекунад. Мо чунин мешуморем, ки такя ба як асари бунёдӣ худ аз худ камбудӣ нест. Аммо вақте таҳлили назариявӣ асосан ба як сарчашма такя мекунад, хатари бозгӯии мавқеи муаллифони он ба ҷойи таҳлили мустақили илмӣ зиёд мегардад.

4. Дар боби сеюм мафҳумҳои «меъёрҳои ахлоқи касбӣ», «кодекси ахлоқӣ», «санади дохилиидоравӣ», «принсипҳои ахлоқӣ», «қоидаҳои рафтори касбӣ» ва «механизми татбиқ» борҳо истифода шудаанд. Аммо муаллиф фарқи назариявии байни онҳоро шарҳ намедиҳад. Масалан, дар матн гуфта мешавад: «Як хусусияте, ки кодексҳои ахлоқии расонаҳои алоҳидаро аз кодексҳои ахлоқии умумӣ фарқ мекунад, мушаххасоти онҳост». Ин андеша қобили қабул аст, аммо ин савол бечавоб мемонад: мушаххас будан дар ин ҷо чӣ маъно дорад? Оё он ба доираи субъектҳои уҳдадор, тарзи ифодаи меъёрҳо, тартиби татбиқ ё механизмҳои назорат дахл дорад?

5. Дар зерфасли дуюми боби сеюм далели нокифоя барои хулосаи «асоси муваффақияти расонаҳои байналмилалӣ» ба назар мерасад. Дар саҳифаи 191 чунин андеша оварда мешавад, ки таҳия ва риояи кодекси ахлоқӣ асоси муваффақияти расонаҳои байналмилалӣ мебошад. Ба андешаи мо, ин хулоса умумӣ аст. Муваффақияти расонаҳо метавонад аз омилҳои зиёде вобаста бошад: сифати захираҳои инсонӣ, маблағгузорӣ, технология, эътимоди аудитория, сиёсати таҳририӣ, муҳити ҳуқуқӣ ва ғ.

6. Камбудии таҳлили ҳуқуқӣ дар он падид меояд, ки дар матн омехта шудани сафедкунӣ бо исботи пурраи дурустии ахлоқии амал ба мушоҳида мерасад. Дар саҳифаҳои 229–230 муаллиф менависад, ки сафед шудани хабарнигор далели риояи меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ мебошад. Аммо сафед шудани журналист дар суд худ аз худ исбот намекунад, ки ӯ тамоми меъёрҳои ахлоқии касбиро риоя кардааст. Ҳукми сафедкунӣ, пеш аз ҳама, ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва мавҷуд будан ё набудани асосҳои айбдоркунӣ дахл дорад. Барои чунин хулоса бояд далелҳои қарори суд ва асосҳои ҳуқуқии он нишон дода шаванд. Танҳо аз рӯйи нақли журналистӣ чунин робитаи сабабию натиҷавиро қатъӣ муқаррар кардан мумкин нест.

7. Дар матн хатоҳои имлоӣ, грамматикӣ, услубӣ ва истилоҳӣ низ ҷой доранд. Онҳо бояд пеш аз пешниҳоди ниҳоии рисола ислоҳ карда шаванд. Масалан: «Меъёрҳои ахлоқии идораҳои воситаҳои ахбори омма» шакли дурусташ «Меъёрҳои ахлоқии дохилиидоравии воситаҳои ахбори омма», «Мо ҳам ба ин мавқеъ ҳастем» шакли дурусташ «Мо ин мавқеъро ҷонибдорӣ мекунем», «худ аз лиҳози маънавию ахлоқӣ тавоно бошанд» шакли дурусташ «худ дорои устувории маънавию ахлоқӣ бошанд», «яке аз омилҳои дигаре» шакли дурустан «омили дигар» ва ғ.

Қисмати хотимавии тақриз. Диссертатсия аз нигоҳи унвон, мубрамӣ, нақши мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо бо услуби илмӣ таҳия гардида, дар он пайдарҳамии мавзуъҳо риоя гардидааст.

Таҳлили диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод мебошад. Диссертатсия ва автореферати диссертатсия, гузоришу мақолаҳои илмии Раҳимҷон Хушдил муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз маҳорати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни